**ПРОТОКОЛИ № 8**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-087-и**
**назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев**

аз 4 – уми августи соли 2026 ш. Хоруғ

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина, ки бо фармонши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2025, № 50/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.
Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон** дар мавзуи **Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “тибби мансурӣ”-и Закариёи Розӣ** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ Офаридаев Назрӣ оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “тибби мансурӣ”-и Закариёи Розӣ андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи эспертиро оид ба диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи “Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “тибби мансурӣ”-и Закариёи Розӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ кард.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи “**Вижагиҳои маъноӣ**

**ва сохторий истилоҳоти тиббӣ дар “тибби мансурӣ”-и Закариёи Розӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– **Низомов Абдулҳамид Абдуламинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои таълимию методии Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ МИСИС дар ш. Душанбе;

– **Некушоева Шаҳло Саиднуриддиновна** – номзади илмҳои филологӣ, ходими калони шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Номи Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон”;

3. Ба сифати муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъйин карда шавад;

4. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 08.10.2026, соати 14:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор М.М. Аламшоев

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Ҷ.С. Бехроншо